

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№55 (4951)

ҶУМЪА,
2 МАЙИ СОЛИ 2025

Аз 1 январи соли 1991
чоп мешавад

www.sadoimardum.tj



## МАҶЛИСИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**30-юми апрели соли 2025 таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Раиси Ҳукумати кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Нахуст, дар бораи лоиҳаи Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Консортсиуми сармоягузорон дар ҳайати Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Маркази рушди саноатӣ» оид ба амалисозии лоиҳаи «Таъсиси кластери нассоҷии гурӯҳи ширкатҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ Султон Раҳимзода гузориш дод.

Гуфта шуд, ки мақсади таҳия ва қабули лоиҳаи мазкур саҳмгузорӣ дар амалисозии ҳадафи стратегии саноатикунонии босуръати кишвар буда, ҷалби сармоя, бунёди кластерҳои агросаноатӣ ва коркарди нахи пахта то маҳсулоти ниҳоӣ дар дохили кишвар пешбинӣ мегардад.

Таъкид гардид, ки масъалаи бунёди иқтидорҳои истеҳсолӣ, коркарди пурраи ашёи хоми ватанӣ ва рушди соҳаи саноат, аз ҷумла саноати сабук, инчунин, таъмини шуғли пурмаҳсул, ки яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар ба ҳисоб меравад, дар барномаҳои давлатӣ ва стратегияҳои миллӣ, аз ҷумла дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», дарҷ шудааст. Бо амалӣ намудани лоиҳаи мазкур зиёда аз 5500 шаҳрванди кишвар бо кор таъмин хоҳанд шуд.

Баъди муҳокима лоиҳаи Созишномаи сармоягузорӣ оид ба амалисозии лоиҳаи «Таъсиси кластери нассоҷии гурӯҳи ширкатҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» маъқул дониста шуд.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъулин дастур доданд, ки созишнома дар асоси тавофуқоти ҷонибҳо ба имзо расонда шуда, барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Доир ба лоиҳаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» гузориши роҳбарони як қатор сохторҳо шунида шуд.

Таъкид гардид, ки лоиҳаи қарор барои дарёфти манбаъҳои иловагии даромади буҷети давлатӣ пешниҳод шудааст.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» маъқул дониста шуда, барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардид.

Дар идомаи маҷлис, ҳамчунин, оид ба як қатор масъалаҳои муҳим, аз ҷумла идора ва назорати самараноки истифодаи замин, қарорҳои дахлдор қабул карда шуд.

Дар фароварди маҷлис Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи масъулини вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатиро ба иҷрои дастурҳои маҷлиси навбатӣ, супоришҳои қаблии Ҳукумати кишвар, инчунин, вусъати ободонию созандагӣ, корҳои саҳроӣ, аз ҷумла киштукори баҳорӣ ва омодагии ҳамаҷониба ба истиқболи сазовори Ҷашни умумимиллии 35-солагии Истиқлоли давлатӣ, ҷалб намуданд.

**www.prezident.tj**

## ҚАРОРИ
## РАИСИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи даъват намудани ҷаласаи Шурои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Мутобиқи моддаи 27 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва банди 33 Дастури Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунам:**

Ҷаласаи Шурои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 13 майи соли 2025, соати 09-00 дар шаҳри Душанбе даъват карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон — Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 1 майи соли 2025, №2**

## ҚАРОРИ
## РАИСИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи даъват намудани Иҷлосияи дуюми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум**

Мутобиқи моддаи 52 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 24 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» **қарор мекунам:**

Иҷлосияи дуюми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум 13 майи соли 2025, соати 10-00 дар шаҳри Душанбе даъват карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон — Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 1 майи соли 2025, №3**

## ИТТИЛОИЯ

Шурои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ медиҳад, ки дар Иҷлосияи дуюми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум баррасии Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи захираи моддии давлатӣ» ва «Дар бораи сармоя ва ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ», қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар қонунҳои қабулнамудаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назар дошта шудааст.

Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум



## ДУ СОЗИШНОМАИ НАВ ТАСДИҚ ШУД

*Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:*

**1. Дар хусуси Созишномаи қарзӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд вобаста ба лоиҳаи «Таҷдиди роҳи автомобилгарди Данғара-Гулистон»**

**2. Дар хусуси Созишномаи №1 оид ба ворид намудани тағйирот ба Созишномаи қарзӣ аз 11 марти соли 2022 байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд вобаста ба лоиҳаи «Барқарорсозии системаи обтаъминкунӣ ва обпарто дар ноҳияи Файзобод».**

**Дуюми майи соли 2025 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзалӣ Идизода ҷаласаи навбатии Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум баргузор гардид.**

**РАИС: - Вакилони арҷманд!**

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 60 вакил ҳузур дорад.

Имкон шуд, ки ба кори ҷаласа шурӯъ намоем.

Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

Мутобиқи моддаи 34 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаласаи навбатии Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтумро кушода эълон менамоям.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷаласаи имрӯза мушовири бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ Хурсанд Саидмуродзода, муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарвар Қурбониён ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.

**РАИС: - Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Ба рӯзномаи ҷаласа 2 масъала пешниҳод шудааст, ки нусхаи он дар дасти шумо ҳаст.

Доир ба рӯзнома таклифу пешниҳоди дигар ҳаст?

Набошад, хоҳишмандам нисбат ба рӯзнома мавқеатонро муайян намоед.

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаҳои рӯзнома шурӯъ менамоем. Аз рӯи масъала «Дар хусуси Созишномаи қарзӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд вобаста ба лоиҳаи «Таҷдиди роҳи автомобилгарди Данғара-Гулистон» сухан ба муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарвар Қурбониён дода мешавад. Марҳамат.

**Сарвар ҚУРБОНИЁН:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Созишномаи қарзӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд вобаста ба лоиҳаи «Таҷдиди роҳи автомобилгарди Данғара - Гулистон» пешниҳод шудааст.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

Ба истиқболи 80-солагии Ғалабаи бузург

## ВАҚТЕ ЗАХМҲО ПАДАРАМРО АЗОБ МЕДОД,...



Нолаи ҷонгудози падар аз хоби ширину гуворо бедорам сохт.

- Чӣ шуд, падарҷон, чаро оҳу воҳ доред, магар ягон ҷоятон дард мекунад, месӯзад, - мепурсам дилсӯзона аз ӯ.

- Бачам, доруи маро аз рӯи миз бидеҳ, қафаси сина ва тамоми қабурғаҳоям сахт месӯзанд. Аз ҷароҳати бардоштаам ҳини озод кардани шаҳри Житомири Украина аз фашистони малъун солҳои зиёд гузашт, вале захмҳо то ҳол азобам медиҳанд.

Малҳамро, ки бӯйи пудинаи даштӣ мекард, рӯи кафи дастам гирифта, ба пушту паҳлуи падари ҷанговарам оҳиста-оҳиста молидам, аммо нолаи ҷигарсӯзи падар баъди масҳ ва молидани малҳам боз ҳам афзуд.

- Бачам, рав хоб кун, саҳар барвақт ба кор меравӣ, маро ба ҳоли худам гузор, - гуфт бо овози маҳину ларзон падар.

Ба ҳуҷраи хоби худ гузаштам. Ғайриихтиёр ашк аз ду чашм ба рухсораам чакид. Ҳиқ-ҳиққунон бо алам гиристам ва тамоми вуҷудам ба ларзиш омад. Он лаҳза модари раҳматиам ба ёдам расид ва зери лаб гуфтам. «Эй кош, модарам зинда мебуд, то ба ҷароҳатҳои падарам малҳам мемолиду ӯро таскин медод».

Он лаҳзаҳо хоб аз чашмонам комилан рафта буд. Андешаҳои бесарунӯге маро азият медод. Боз оҳиста, нӯг-нӯги пой қадам монда, ба ҳуҷраи хоби падар ворид шудам. Падарам хоб буд, вале бо лабони парсингбаста нидо мекард: «За Родину-у-у…». Дарҳол фаҳмидам, ки падарам чӣ гуфтан мехоҳад ва дигар ташвишаш надодам, зеро пагоҳ Рӯзи Ғалаба, яъне 9 - уми май, таҷлил мегардид ва либоси низомии падарам бо даҳҳо ордену медал болои сараш овезон буд, ӯ барои фардо омодагӣ мегирифт. Бори дигар ба костюми низомии хеле зебои ордендори падар дида дӯхта, хотирам осуда шуду рафта хоб кардам...

Барои халқи тоҷик мафҳуми ҷангу сулҳ бегона нест, зеро таърихи тӯлонии ин сарзамин ҳодисаҳои мудҳишеро, ба мисли ҷанг ва дар пасманзари он гиряҳои даҳҳо ҳазор модарон, фиғони ҳазорон занону кӯдакон ва бадбахтиҳои дигар, дар ёд дорад. Тоҷикистон дар баробари дигар халқҳои ИҶШС бо оғози ҷанги соли 1939 ва Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941 - 1945) ба варта кашида шуд ва имтиҳони ҷиддии матонату далерию мардонагиро пушти сар намуд. Он замон фақат аз Тоҷикистон, ки ҳамагӣ 1,5 миллион аҳолӣ дошт, зиёда аз 300 ҳазор ҷавонмард ва занони шуҷоъ ба ҷабҳаи хунин фиристода шуданд. Барои ғалаба бар фашизми гитлерӣ беш аз 100 ҳазор сарбозу командирҳои тоҷикистонӣ ҷони худро фидо карданд.

Оре, «Ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз фаромӯш намешавад». Имсол мо 80-солагии Ғалаба бар фашизми гитлериро ҷашн мегирем. Ин ҷашн дар шароите таҷлил мегардад, ки Ватани мо - Тоҷикистони соҳибистиқлол бар марҳилаи нави тараққиёти худ дохил шуда, бо қадамҳои устувор барои таҳкими сулҳ, арзишҳои давлати демократию дунявӣ ва ҳуқуқбунёд пеш меравад.

Имрӯз халқи азизи Тоҷикистон таҳти роҳбарии Пешвои маҳбуби миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мамлакатамонро ба ҷавлонгоҳи меҳнату зиндагии осоишта ва хуррамбоғу дунёи босафо табдил додааст…

Падар як поси шаб бо табъи хушу болида ба хона баргашт. Маълум буд, ки он рӯз ҳамроҳону ҳамсафон ва ёру дӯстонашро вохӯрда, хеле хушҳол гаштааст. Ҳатто сӯзиши ҷароҳатҳояшро фаромӯш карда буд. Ӯ он шаб ҳам бо як ҳаяҷони махсус чанд порча аз хотираҳояшро аз майдони ҷанг ба ман нақл карду номаълум бо либоси ҷангӣ ба хоб рафт…

**Шарифҷон ҲУСЕЙНЗОДА,**
**«Садои мардум»**

## БОРИ АВВАЛ – ТАЪМИНИ НАҚША ДАР 30 РӮЗ

**30-юми апрели соли равон нақшаи даъвати баҳории ҷавонон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилоятҳо ва тамоми шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ пеш аз муҳлат иҷро гардид. Тибқи иттилои Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷрои пурраи даъвати ҳарбӣ пеш аз муҳлат натиҷаи ҳамкории доимии мақомот бо мардум, гузаронидани омӯзиши пешаздаъватӣ, ташкили як қатор чорабиниҳои тарғиботиву ташвиқотӣ, тақвият бахшидани корҳои фаҳмондадиҳӣ миёни аҳолӣ дар шаҳру ноҳияҳо, ҷамоату деҳот ва баланд гардидани масъулияти ҷавонписарону волидони онҳо мебошад.**




Тибқи иттилои вазорат солҳои охир сафи ихтиёриён аз ҳисоби ҷавонписарони дорои маълумоти олӣ, фарзандони шахсони мансабдор ва хатмкардагони Ташкилоти ҷамъиятии «Мададгори мудофиа» зиёд гардидааст. Илова бар ин, ҷавонон дастгирию ғамхориҳои доимии давлату Ҳукумати мамлакатро нисбат ба Қувваҳои Мусаллаҳ, хизматчиёни ҳарбӣ ва фароҳам овардани беҳтарин шароити хизмативу маишӣ дар қисмҳои низомӣ бо қаноатмандӣ дарк намуда, барои ба хизмати ҳарбӣ рафтан сари вақт ба комиссариатҳои ҳарбӣ ҳозир мешаванд.

Одатан мавсими баҳории даъват ба Артиши миллӣ аз 1-уми апрел оғоз шуда, то охири моҳи май давом мекард. Соли равон бошад, то 30-юми апрели соли равон иҷрои нақшаи даъват пурра таъмин гардид.

**С. СУННАТӢ,**
**«Садои мардум»**

# ДУ СОЗИШНОМАИ НАВ ТАСДИҚ ШУД

**(Идома аз саҳ. 1)**

Созишномаи мазкур 11 марти соли 2025 дар шаҳри Душанбе дар ҳаҷми 38,0 млн. евро ба имзо расонида шудааст. Инчунин, барои амалӣ гардондани лоиҳаи зикршуда аз ҷониби Бонки аврупоии таҷдид ва рушд кумаки техникӣ дар ҳаҷми 1,4 млн. евро пешниҳод гардидааст.

Маблағҳои қарзии лоиҳа ба муҳлати 18 сол, аз ҷумла 5 сол муҳлати имтиёзӣ, ҷалб карда шуда, хизматрасонии он бо меъёри тағйирёбандаи Euribor (2.13%) + 1% солона пешниҳод шудааст.

Лоиҳаи мазкур дар ҳаммаблағгузорӣ бо Бонки осиёии рушд дар ҳаҷми 86,6 млн. доллари амрикоӣ амалӣ гардида, маблағи умумии лоиҳа бе назардошти саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 126,6 млн. доллари амрикоиро ташкил менамояд.

Дар доираи лоиҳа сохтмон ва азнавсозии 49 км роҳи автомобилгарди Данғара-Гулистон ва васеънамоии он ба 4 хат бо дарбаргирии элементи «Роҳи сабз», сохтмони 48,8 км роҳи велосипедронӣ ва сохтмони 2 нуқтаи баркдиҳии автомобилҳои электрикӣ дар назар аст. Татбиқи лоиҳа соли 2025 оғоз гардида, анҷоми он дар соли 2030 ба нақша гирифта шудааст.

Аз шумо - вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Созишномаи қарзӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд вобаста ба лоиҳаи «Таҷдиди роҳи автомобилгарди Данғара - Гулистон»-ро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Сиёвуш Наботзода дода мешавад. Марҳамат.

**Сиёвуш НАБОТЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишномаи қарзӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд вобаста ба лоиҳаи «Таҷдиди роҳи автомобилгарди Данғара-Гулистон» 11 марти соли 2025 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида, аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Бо Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 апрели соли 2025, №56 созишномаи мазкур ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия ба-





рои баррасӣ, ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои додани хулоса ва ба раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ супорида шуда буд.

Ҳадафи татбиқи ин лоиҳа сохтмон ва азнавсозии роҳи автомобилгарди Данғара-Гулистон ва васеънамоии он ба 4 хат бо дарбаргирии элементи «Роҳи сабз», сохтмони роҳи велосипедронӣ ва сохтмони 2 ҷойи баркдиҳии автомобилҳои электрикӣ ба ҳисоб меравад.

Созишномаи мазкур ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқ буда, ба талаботи санадҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошад. Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони муҳтарам бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки созишномаи мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Созишномаи қарзӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд вобаста ба лоиҳаи «Таҷдиди роҳи автомобилгарди Данғара-Гулистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар хусуси Созишномаи №1 оид ба ворид намудани тағйирот ба Созишномаи қарзӣ аз 11 марти соли 2022 байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд вобаста ба лоиҳаи «Барқарорсозии системаи обтаъминкунӣ ва обпарто дар ноҳияи Файзобод» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарвар Қурбониён дода мешавад. Марҳамат.

**Сарвар ҚУРБОНИЁН:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Созишномаи №1 оид ба ворид намудани тағйирот ба Созишномаи қарзӣ аз 11 марти соли 2022 байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд вобаста ба лоиҳаи «Барқарорсозии системаи обтаъминкунӣ ва обпарто дар ноҳияи Файзобод» пешниҳод шудааст. Тағйироти №1 ба созишномаи мазкур 29 апрели соли 2024 дар шаҳри Душанбе дар ҳаҷми 1,35 млн. евро бо назардошти таваррум ва тағйироти техникӣ ҳангоми омодасозии тарҳи муфассали лоиҳа ба имзо расонида шудааст.

Қобил қайд аст, ки созишномаи асосӣ соли 2022 ба маблағи 1,8 млн. евро ба имзо расида, бо назардошти тағйирот маблағи умумии қарз 3,15 млн. евроро ташкил медиҳад. Дар баробари маблағҳои қарзӣ дар доираи лоиҳа 4,75 млн. евро маблағҳои грантӣ низ ҷалб карда шудаанд.

Маблағҳои қарзии лоиҳа ба муҳлати 18 сол, аз ҷумла 5 сол муҳлати имтиёзӣ ва хизматрасонии он бо меъёри тағйирёбандаи Euribor (2.13%) + 1 % солона, пешниҳод гардидааст.

Дар доираи лоиҳа 13 деҳа дар 4 ҷамоат бо фарогирии 2 520 хоҷагӣ ва таъмини 19 717 нафар аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ дар назар аст. Татбиқи лоиҳа моҳи майи соли 2022 оғоз гардида, анҷоми он дар соли 2027 ба нақша гирифта шудааст.

Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Созишномаи №1 оид ба ворид намудани тағйирот ба Созишномаи қарзӣ аз 11 марти соли 2022 байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд вобаста ба лоиҳаи «Барқарорсозии системаи обтаъминкунӣ ва обпарто дар ноҳияи Файзобод»-ро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Ҳомидҷон Ҳакимзода дода мешавад. Марҳамат.

**Ҳомидҷон ҲАКИМЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишномаи №1 оид ба ворид намудани тағйирот ба Созишномаи қарзӣ аз 11 марти соли 2022 байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд вобаста ба лоиҳаи «Барқарорсозии системаи обтаъминкунӣ ва обпарто дар ноҳияи Файзобод», ки 29 апрели соли 2024 дар шаҳри Душанбе ба имзо расидааст, аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.



Бо Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон созишномаи мазкур ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба иқтисод ва молия барои баррасӣ, ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагон барои додани хулоса ва ба раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон барои додани хулосаи ҳуқуқӣ супорида шуда буд.

Ҳадафи лоиҳаи мазкур барқарорсозии системаи обтаъминкунӣ ва обпарто дар ноҳияи Файзобод мебошад.

Созишномаи қарзии иловагӣ ба маблағи 1 млн. 350 ҳазор евро ба имзо расида, тавзеҳоти муфассал оид ба татбиқи лоиҳа дар баромади муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр гардид.

Созишномаи мазкурро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон мавриди омӯзиш қарор дода, онро бо пешниҳоди хулосаҳо ҷонибдорӣ намуданд. Созишномаи мазкур ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқ буда, ба талаботи санадҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошад. Аз ин лиҳоз, аз шумо – вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки созишномаи мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Созишномаи №1 оид ба ворид намудани тағйирот ба Созишномаи қарзӣ аз 11 марти соли 2022 байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд вобаста ба лоиҳаи «Барқарорсозии системаи обтаъминкунӣ ва обпарто дар ноҳияи Файзобод» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - **Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Масъалаҳое, ки ба рӯзномаи ҷаласа пешбинӣ гардида буданд, баррасӣ шуданд.

Доир ба рафти ҷаласа эрод ҳаст? Нест.

Барои иштироки фаъолонаатон изҳори миннатдорӣ намуда, ҷаласаи имрӯзаро пӯшида эълон менамоям.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# ИШТИРОКИ МАВСУМА МУИНӢ ДАР ҶАЛАСАИ ФПО

**Рӯзҳои 27-28 апрели соли 2025 дар шаҳри Куала-Лумпури Малайзия иҷлосияи 15-уми Ассамблеяи генералии Форуми парламентҳои Осиё оид ба аҳолӣ ва рушд (AFPPD) баргузор гардид, ки дар он муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мавсума Муинӣ иштирок намуд.**




Зимни суханронӣ дар форуми мазкур Мавсума Муинӣ иброз дошт, ки Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2001 инҷониб узви Форуми парламентҳои Осиё оид ба аҳолӣ ва рушд (AFPPD) мебошад.

Номбурда аз тадбирҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати кишвар вобаста ба таъмини риояи ҳуқуқҳои конститутсионии занон, фароҳам овардани шароити муносиби кору зиндагӣ, инчунин, таҳкими мақому манзалати онҳо дар ҷомеа ёдовар шуда, қонунҳои миллӣ, консепсияву стратегия ва барномаву нақшаҳои миллии дар ин самт қабулшударо муаррифӣ намуд.

- Мо комилан ҷонибдори татбиқи минбаъдаи «Барномаи амали Конфронси байналмилалӣ оид ба аҳолӣ ва рушд» буда, даъват менамоем, ки бозёфтҳо ва тавсияҳои дар баррасиҳои минтақавӣ бадастомада ба рӯзномаи саммити оянда дохил карда шаванд, - гуфт Мавсума Муинӣ.

Дар интиҳои форум зимни муайян намудани ҳайати нави кумитаи иҷроия Мавсума Муинӣ бо ҷонибдории якдилонаи иштирокдорон раиси гурӯҳи парламентии Кумитаи доимамалкунанда оид ба масъалаҳои иқлими Форуми парламентҳои Осиё интихоб гардид.

**Муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мавсума Муинӣ дар доираи Форуми парламентҳои Осиё бо муовини Раиси Сенати Малайзия Датук Нур Ҷазлан бин Тан Шрӣ Муҳаммад мулоқот намуд.**

Зимни мулоқот таъкид гардид, ки парламенти Тоҷикистон баояндаи неки ҳамкориҳои созандаи байни кишварҳо назари нек дошта, омода аст минбаъд низ робитаҳои дӯстона ва шарикии ҳамаҷонибаро бо Малайзия дар ҳамаи бахшҳо таҳким бахшад.

Ҳамчунин, иброз гардид, ки муносибатҳои байнипарлумонии Тоҷикистону Малайзия ба густариши ҳамкориҳо байни Тоҷикистон ва Малайзия шароити мусоид фароҳам оварда, гурӯҳи дӯстӣ миёни Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Девон Ракияти (Парламенти) Малайзия ба ин ҳамкориҳо вусъати тоза хоҳанд бахшид.

**М. СУЛТОНОВ, «Садои мардум»**

# ДУ ДЕҲАИ МУЪМИНОБОД СОҲИБИ МАКТАБҲОИ ЗАМОНАВӢ ШУДАНД




**Бахшида ба Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар деҳаи Тутуи ноҳияи Муъминобод бинои нави муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №7 ва дар деҳаи Навбаҳори ноҳия бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №37 мутобиқ ба талаботи замони муосир сохта ба истифода дода шуданд.**

Зимни ифтитоҳи иншооти мазкур Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоҳир Расулзода, раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид, вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода ва раиси ноҳия Сайвалӣ Амирзода иштирок намуданд. Иттилоъ дода шуд, ки ҳар ду муассиса бо маблағи 11 миллиону 657 ҳазору 592 сомонӣ сохта шуданд.

Муассисаи №7 аз ду ошёна иборат буда, дар як баст барои 240 хонанда пешбинӣ шудааст, ки дорои синфхонаҳои технологияи информатсионӣ, физика, химия, биология, математика, забони русӣ ҳуҷраи омӯзгорон ва синфхонаи инкишофи барвақтии кӯдакон мебошад.

Муассисаи №37 бошад, барои 480 хонанда пешбинӣ шуда, дорои 10 синфхонаи замонавӣ аст.

Сарвазири мамлакат ҳангоми боздид аз иншооти навбунёд, зикр кард, ки соҳаи маориф зери таваҷҷуҳи ҳамешагии Ҳукумати кишвар ва Роҳбари олии мамлакат қарор дошта, таъмини шароити муосир барои таълиму тарбияи насли наврас омили муҳим дар рушди ҷомеа ба ҳисоб меравад.

**И. РАҶАБАЛӢ, «Садои мардум»**



# БУНЁДИ 12 ГЕКТАР БОҒИ НАВИ МЕВАДИҲАНДА ДАР ШУҒНОН

**Дар деҳаи Шитами ноҳияи Шуғнон бо иштироки раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Алишер Мирзонабот, роҳбарияти ноҳия, роҳбарону кормандони идораву муассисаҳои вилоятӣ ва сокинон дар майдони 12 гектар боғи нави мевадиҳанда бунёд шуд, ки дар он 15 ҳазор бех ниҳоли себ шинонда шудааст.**

Ёдовар мешавем, ки дар заминаи сиёсати хирадмандонаю созандаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ба мамлакати «сабз» табдил додани Ҷумҳурии Тоҷикистон соли равон дар ҳудуди ноҳияҳои вилояти мазкур дар майдони даҳҳо гектар боғҳои нав бунёд шуданд. «Ин иқдоми таърихии Роҳбари олии мамлакат давра ба давра таҳким ёфта, амалисозии он аз ҳар шаҳрванди баору номус талошу ҷиддияти зиёд мехоҳад, зеро дар ҳифзи табиати зинда ва тозагии муҳити атроф ҳамаи мо масъулем», - зикр кард раиси ВМКБ.

**М. ИМОМНАЗАР, «Садои мардум»**

# НАХУСТИН ТРОЛЛЕЙБУС ДАР ДУШАНБЕ

**Ҳафтод сол муқаддам, 1 майи соли 1955, аввалин троллейбус дар пойтахти ҶШС Тоҷикистон - шаҳри Сталинобод (ҳозира Душанбе) ба ҳаракат даромад. Масофаи нахустин хатсайри ин воситаи нақлиёти барқӣ 11 километр (аз маҳаллаи шимолӣ то вокзали Роҳи оҳан) буд. Дар бораи таъсиси Корхонаи троллейбусҳои пойтахт 6 апрели ҳамон сол қарори Комиҷроияи Шурои меҳнаткашони шаҳри Сталинобод ба тасвиб расид.**

Барои шарҳу тавзеҳи ин маълумотнома ва таҳияи мавод роҷеъ ба ин рӯйдоди таърихӣ ба ККВД «Троллейбус» рафтем. Директори корхонаи мазкур Сорбон Акрамзода пешниҳод намуд, ки бо бойгонии корхона шинос шавам. Хабари мо роҷеъ ба ҳаракати нахустин воситаҳои нақлиёти барқӣ дар шаҳри Душанбе бо маълумотномаи бойгонӣ мувофиқ омад. Ҳамзамон, аксҳои нахустин троллейбусҳо, ронандагон, аввалин кормандони корхона ва собиқадоронро пайдо намудем. Маълум гардид, ки аввалин роҳбари корхонаи мазкур К. Бозоров ва нахустин ронандагони троллейбусҳо Убайдуллоев, Рузанов, Наҷмиддинов ва Зокиров (номи нафарони мазкур дар маълумотнома зикр наёфтааст) будаанд. Муаллифи ин сатрҳо яке аз ронандагони нахустин - Бегиҷон Наҷмиддиновро мешинохтам. Шодравон дар деҳаи назди пойтахт - Тезгари поёни ноҳияи Ленин (ҳоло Рӯдакӣ) зиндагӣ мекард ва дар борааш мақолае низ ба нашр расонда будам.

Дар санаи зикршуда нахустин бор чор троллейбуси (дар баъзе маълумотҳо ҳафт адад) тамғаи МТБ-82Д, ки дар корхонаи троллейбусбарории ба номи Уритскои шаҳри Энгелси Россия истеҳсол шуда буд, ба шаҳрвандони пойтахт хизматрасониро оғоз карданд. Соли 1957 хатсайри №2-и троллейбус дар байни маҳаллаи Шимолӣ (Северний) то маҳаллаи ДОК ва пас аз як сол хатсайри №3 ифтитоҳ ёфт. Соли 1967 парки дуюми троллейбусҳо мавриди истифода қарор гирифт ва масофаи хатсайрҳои воситаи нақлиёти барқии пойтахт қариб ба 50 км расид. Дар он давра теъдоди кормандони Раёсати троллейбусҳои шаҳри Душанбе 700 нафар буд. Ҳамин тавр, нақлиёти мусофиркашони барқӣ мунтазам рушд ёфта, то оғози соли 1991 дар 13 хатсайр масофаи ҳаракати онҳо 136 километрро ташкил медод.

- Тавре маълум аст, солҳои 90-уми асри гузашта, бинобар ҷанги шаҳрвандӣ, тамоми соҳаҳо фалаҷ гаштанд. Хушбахтона, сулҳ барқарор гашт ва таҳти роҳбарии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мамлакатамон рӯ ба тараққӣ овард. Роҳбарияти олии кишвар дар баробари дигар соҳаҳо ба соҳаи нақлиёт ва таҷдиду навсозии роҳҳо таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуд ва мо шоҳиди рушди бесобиқаи ин соҳаҳои ҳаётан муҳим ҳастем. Дар пойтахти шуҳратёри ҷумҳурӣ - шаҳри Душанбе баробари қомат афрохтани қасру биноҳои замонавии баландошёнаи истиқоматӣ, марказҳои фарҳангию варзиш ва тиҷорат, ҳамзамон, роҳу хиёбонҳо васеъ, тахту ҳамвор ва зебою дилкушо гардида, даҳҳо навъи нақлиёти сабукрав, бору мусофиркаш дар хизмати мардум қарор доранд. Қобили зикр аст, ки соли 2015 дар шаҳри Душанбе муассисаи нав оид ба истеҳсоли троллейбус ба фаъолият оғоз кард. Соли 2019 аз Ҷумҳурии Беларус троллейбусҳои нави бесим (бесконтактные) харидорӣ шуд ва аз моҳи майи ин сол ҳаракати чунин навъи нақлиёти замонавӣ оғоз ёфт, - гуфт директори ККВД «Троллейбус» Сорбон Акрамзода.

Бино ба иттилои Сорбон Акрамзода айни ҳол дар шаҳри Душанбе 120 тролейбуси тамғаҳои гуногун, аз ҷумла як тролейбуси АКИА Ултра (истеҳсоли Тоҷикистон), дар хизмати сокинони шаҳр ва меҳмонон қарор дорад. Дар шаҳр ҳашт хатсайри троллейбусҳо фаъолият мекунад. Аз 102 ронандаи троллейбус 25 нафараш бонувон мебошанд. Троллейбус яке аз қулайтарин ва беҳтарин нақлиёти оммавӣ маҳсуб меёбад ва ҳамарӯза садҳо мусофир аз хизмати он баҳра мебаранд.

**Бурҳониддин КАРИМЗОДА,**
**«Садои мардум»**





# ҲИСОБОТИ МОЛИЯВИИ ҶДММ ТС «ИТМИНОН» БАРОИ СОЛИ 2024

MOORE

LLC Moore Stephens
Address: 24 A, Ayni str, 301
Dushanbe, Tajikistan

T [44] 601 52 52
[44] 601 53 53

www.moore.tj
info@moore.tj

**ҲИСОБОТИ АУДИТОРИ МУСТАҚИЛ**

**Ба муассиси ҶДММ ТС «Итминон»**

***Ақидаи мо бо Тавзеҳот***

Мо тафтиши аудитории ҳисоботи молиявии замимагардидаи ҶДММ ТС «Итминон» (минбаъд - «Ташкилот»), ки аз ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ ба 31 декабри соли 2024, ҳисобот оиди фоида ва зарар, ҳисобот оиди тағйирот дар сармоя ва ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ иборат аст, гузаронидем, ки дар соли нишондодашуда ба анҷом расад ва инчунин тавсифи унсурҳои муҳими сиёсатии баҳисобгирӣ ва эзоҳҳо ба ҳисоботи молиявиро дар бар мегирад.

Ба **ақидаи** мо ҳисоботи молиявии мазкур аз ҳамаи ҷиҳатҳои назаррас ҳолати молиявии Ташкилотро ба санаи 31-уми декабри соли 2024, натиҷаҳои фаъолияти он ва ҳаракати воситаҳои пулиро барои соле, ки дар таърихи зикргардида анҷом меёбад, дар мутобиқат бо Стандартҳои ҳисоботи молиявии байналмилалӣ (СҲМБ) дуруст инъикос менамояд.

***Асос барои изҳори ақида***

Мо аудитро мувофиқи Стандартҳои байналмиллалии аудит (минбаъд «СБА») гузаронидем. Уҳдадориҳои мо мувофиқи ин стандартҳо дар қисмати «Масъулияти Аудиторон» оварда шудаанд. Мувофиқи Кодекси этикии ҳисобдорони касбӣ, ки аз ҷониби Шурои стандартҳои байналмиллалии этикӣ барои ҳисобдорон таҳия шудааст, мо ягон алоқамандӣ ба Ташкилот надорем ва ҳамчунин, аз ҷониби мо қоидаҳои дигари этикӣ мувофиқи стандартҳои дар боло овардашуда риоя гардидаанд. Мо чунин мешуморем, ки далелҳои аудитории аз тарафи мо ба даст овардашуда, ҳамчун асос барои ифодаи ақидаи мо кофӣ ва мутобиқ мебошанд.

***Масъулияти роҳбарият барои омодасозии ҳисоботи молиявӣ***

Роҳбарияти Ташкилот барои тайёр намудан ва дуруст пешниҳод намудани ҳисоботи молиявии мазкур дар мувофиқа бо Стандартҳои байналхалқии ҳисоботи молиявӣ масъулиятро ба дӯш дорад. Масъулияти мазкур иборат аст аз: коркардабарой, ҷорӣ сохтан ва дастгирӣ намудани низоми назорати дохилӣ, бо мақсади таъмини шароити мусоид бахри дуруст тайёр ва пешниҳод намудани ҳисоботи молиявӣ, ки холӣ аз хатогиҳои назарраси дар натиҷаи аз рӯи виҷдон кор накардан ва ё хатогиҳои тасодуфӣ рухдода ба амал омадаанд, интихоб ва ҷорӣ намудани сиёсати ҳисобдории муносиб, инчунин, истифода бурдани баҳодиҳии муҳосибии асоснок мувофиқ ба мавридҳои мавҷуда.

***Масъулияти аудиторон барои аудити ҳисоботи молиявӣ***

Мақсади мо ба даст овардани боварии кофӣ, ки ҳисоботи молиявӣ таҳрифи ҷиддӣ бо сабабҳои хатогӣ ё амалҳои мусолиҳакорона надорад ва дар тартиб додани хулосаи аудиторӣ изҳори ақидаи моро дар бар мегирад. Боварии кофӣ ин дараҷаи баланди боваринокиро ифода мекунад, аммо барои ҳама вақт дарёфт намудани хатогиҳои назаррас, ки дар раванди тафтиши аудитории мувофиқи СБА гузаронидашуда, кафолат намедиҳад. Таҳриф метавонад натиҷаи хатогӣ ё амалиётҳои мусолиҳакорона бошад ва назаррас ба ҳисоб меравад, агар бо асос тахмин карда шавад, ки дар алоҳидагӣ ё дар маҷмуъ онҳо ба қарорҳои иқтисодии истифодабарандагон, ки дар асоси ҳамин ҳисоботи молиявӣ қабул кардашаванда таъсир расонанд.

MOORE

Дар доираи аудит, ки мутобиқи СБА гузаронида мешавад, мо мулоҳизаҳои касбиро қабул менамоем ва нобоварии касбиро (профессиональный скептицизм) дар тамоми муҳлати санҷиши аудиторӣ нигоҳ медорем. Ғайр аз ин, мо амалҳои зеринро иҷро менамоем:

- хатарҳои таҳрифи ҷиддии ҳисоботи молиявиро дар натиҷаи амалҳои мусолиҳакорона ва ё хатогиҳо ошкор ва баҳогузорӣ менамоем;
- далелҳои аудиториро, ки ҳамчун асос барои ифода намудани ақидаҳои мо кофӣ ва мутобиқ мебошанд, ба даст меорем. Хатари ошкор накардани таҳрифи ҷиддии дар натиҷаи амали мусолиҳакорона ба вуҷудомада, назар ба хатари ошкор кардани таҳрифи ҷиддии дар натиҷаи хатогӣ ба вуҷудомада баландтар мебошад, зеро амалҳои мусолиҳакорона метавонанд забоняккунӣ, сохтакорӣ, иҷозати қалбакӣ, пешниҳоди маълумоти таҳрифшуда ва ё амалҳои берун аз низоми назорати дохилиро дар бар гирад;
- фаҳмиши низоми назорати дохилиро, ки барои аудит аҳамият дорад, бо мақсади коркарди расмиёти аудиторӣ, ки ба вазъият мутобиқат менамояд, вале на ба мақсади ифода намудани ақида оид ба самаранокии низоми назорати дохилии Ташкилот, ба даст меорем;
- хусусияти дахлдори сиёсати баҳисобгирӣ ва асоснокии баҳогузории муҳосиботӣ ва ошкорнамоии дахлдори маълумоти аз тарафи Роҳбарият омодашударо баҳогузорӣ менамоем;
- дар бораи системаи назорати дохилии марбут ба аудит бо мақсади таҳияи қоидаҳои аудитӣ дар шароитҳо мувофиқ, вале на бо мақсади изҳори фикру мулоҳиза дар бораи самаранокии низоми назорати дохилии аудитор;
- дар бораи қонунӣ будани татбиқи иҷозат дар бораи фаъолияти бефосила аз тарафи Роҳбарият хулоса мебарорем, дар асоси далелҳои аудитории бадастовардашуда дар бораи он ки оё номуайянии ҷиддӣ вобаста ба ҳодисаҳо ва ё шароитҳо, ки дар натиҷаи онҳо метавонад шубҳаи ҷиддӣ дар қобилияти Ташкилот оид ба давом додани фаъолияти бефосила ба вуҷуд ояд, вуҷуд дорад ё не, хулоса мебарорем.
